Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№32

az 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҷуброни зиён ва товони зарари маънавии дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонидашуда ба миён меоянд

Бо мақсади таъмини таҷрибаи якхелаи судӣ ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ вобаста ба ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонида шудаанд, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Мувофиқи муқаррароти қисми сеюми моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Конститутсия) дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи озод будан аз шиканҷа дар ягон маврид маҳдуд карда намешавад.

Роҳ додан ба шиканҷа, муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳуқуқу озодиҳои шахсро халалдор намуда, ба ҷабрдида зиён ва зарари маънавӣ мерасонад. Бинобар ин, давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зиён ва товони зарари маънавиро ба ҷабрдидаи шиканҷа кафолат медиҳад.

Зиён ва зарари маънавие, ки ба шахс дар натиҷаи шиканҷа ва намуди дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну

шараф, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд расонида шудааст, мувофиқи қонун аз ҳисоби давлат пурра ҷуброн карда мешавад.

2. Бояд дар назар дошт, ки кафолати манъи шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ, ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидаи шиканҷа дар меъёрҳои дахлдори Конститутсия, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - СММ) зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд - Конвенсия) озод будани шахс аз шиканҷа ва дигар навъи муносибатҳои ғайриинсонӣ, ҳамзамон ҳуқуқи ҷабрдидаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро ба ҷуброни одилона ва муносиби қонунан муқарраршуда, аз ҷумла маблағ барои офияти пурратар кафолат дода шудааст. Дар сурати марги ҷабрдида дар натиҷаи шиканҷа ҳуқуқ ба ҷуброн ба шахсоне, ки зери саробонии ӯ қарор доштанд, дода мешавад.

Ҷуброне, ки ба ҷабрдида пешниҳод мегардад, бояд барои талофӣ гардидани ҳама гуна зарари қобили арзёбии иқтисодие, ки дар натиҷаи истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмона ба вуҷуд омадааст, сарфи назар аз он ки хислати моддӣ дорад ё не, кофӣ бошад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳо суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи қисми сеюми моддаи 10 Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд ва дар ҳолате, ки агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

3. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки аризаи даъвогӣ дар бораи ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонида шудааст, ба суди маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад (моддаи 30 КММ).

Ҳамзамон, мувофиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 31 КММ даъво дар хусуси ҷуброни зарари дар натиҷаи осеб ё зиёни дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти саробон метавонад аз ҷониби даъвогар ба суди маҳалли истиқомати худ ё маҳалле, ки дар он зарар расонида шудааст, пешниҳод шавад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи бандҳои 4 ва 6 қисми 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ҷабрдидаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳангоми пешниҳоди аризаи даъвогӣ дар бораи рӯёнидани ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод мебошад.

4. Қонунгузории маданӣ ҷуброни зиён ва товони зарари маънавиро ҳамчун яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ пешбинӣ намудааст.

Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки мутобиқи моддаи 1196 КМ зарари дар натиҷаи шиканҷа, муносибат ва ҷазои ғайриқонунии таҳқиркунандаи шаъну шараф ё эътибори корӣ расонидашуда, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд, аз ҳисоби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад.

Зимнан агар давлат зарари расонидаи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва судро ҷуброн намуда бошад, дар ҳолатҳои бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар гардидани гуноҳи онҳо, ҳуқуқ дорад нисбат ба чунин шахс даъвои акс пешниҳод намояд.

5. Новобаста аз он ки шахсони гунаҳгор оид ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар гардидаанд ё не, мувофиқи талаботи моддаҳои 42 ва 174 КМҶ шахсе, ки ба ӯ дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст ва ё ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст, бояд бо қарори дахлдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҷабрдида эътироф карда шуда, ҳуқуқу ухдадориҳояш фаҳмонида шаванд.

Ҷабрдидаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф сарфи назар аз он ки шахси гунаҳгор оид ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар нагардидааст, ҳуқуқ дорад дар бораи ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ ба суд муроҷиат намояд.

6. Бояд дар назар дошт, ки дар ҳолати шиканҷа, муносибат ва ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф зиёни расонидашуда метавонад ҳам дар шакли хисороти воқеӣ ва ҳам дар шакли фоидаи аздастрафта ҷой дошта бошад.

Ҳангоми баррасӣ намудани масъалаи ҷуброни зиён суд, судяҳо бояд ба далелҳои тасдиққунандаи ҳолати ҷой доштани хисорот ва андозаи он баҳои дурусти ҳуқуқӣ диҳанд.

7. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 226 КМ шахси воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиашро мустақилона амалӣ мекунад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарари дар натиҷаи шиканҷа ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида расонидашуда ба таркиби мерос дохил намешавад. Аммо пас аз вафоти ҷабрдида ворисони ӯ ҳуқуқ доранд танҳо аз рӯйи талабот

оид ба ситонидани маблағи зарари воқеан ба ҷабрдида ҳисобшуда, вале дар давраи ҳаёт ба ӯ пардохтнашуда бо даъво ба суд мурочиат намоянд.

8. Андоза ва хусусияти ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида расонида шудааст, мувофиқи талаботи моддаи 1211 КМ муайян карда мешавад. Чунончи, музди меҳнат (даромад)-е, ки ҷабрдида дошт ё баръало гирифта метавонист, инчунин хароҷоти вобаста ба осеб дидани саломатӣ (барои муоличa, хӯроки иловагӣ, истеъмоли доруворӣ, протезкунонӣ, нигоҳубини шахси дигар, муоличаи санаторию курортӣ, ба даст овардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба омӯхтани касби нав ва ғайра), агар эътироф гардида бошад, ки ҷабрдида ба чунин намуди кумак ва нигоҳубин муҳтоҷ аст ва барои гирифтани кумаки ройгон ҳуқуқ надорад, ҷуброн карда мешавад.

Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҷуброни зарар инчунин метавонад дар намуди хароҷот барои хизматрасонии тиббӣ ва пешниҳоди маблағҳо барои пӯшонидани хароҷоти хизматрасонии тиббӣ ва офиятбахшии минбаъда, ки ба ҷабрдида барои таъмини офиятёбии ҳадди аксар пурра зарур мебошанд, ҷуброни зарари моддӣ ё ғайримоддӣ дар натиҷаи зиёни расонидашудаи ҷисмонӣ ё руҳӣ, бо сабаби маъюбие, ки дар натиҷаи истифодаи шиканҷа ё муносибати бераҳмона ба вуҷуд омадааст ва ҷуброн барои имкониятҳои аз даст дода, ба монанди таъмин бо кор ва таҳсилот, хароҷоти судӣ пешбинӣ гардад.

9. Ба инобат гирифтан лозим аст, ки шахси барои зарари вобаста ба марги ҷабрдида ҷавобгар уҳдадор аст хароҷоти зарурии барои дафн масрафнамудаи шахсеро, ки ин хароҷотро анҷом додааст, пардохт намояд. Кумаки пулӣ барои дафн, ки шахси воқеии ин хароҷотро масрафнамуда гирифтааст, ба ҳисоби пардохти зарар дохил карда намешавад.

Ҳамзамон, дар ҳолати вафоти ҷабрдида ба шахсони дар таъминоти ӯ қарордошта даромади дар натиҷаи вафоти ҷабрдида аздастрафта ҷуброн карда мешавад.

Таваҷҷуҳи суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи муқаррароти моддаи 1214 КМ ба доираи шахсони дар таъминоти ҷабрдида қарордошта шахси ғайриқобили меҳнати таҳти таъмини шахси вафоткарда қарордошта ё то рӯзи марги ӯ ба гирифтани таъминоти ӯ ҳуқуқдошта, фарзанди шахси вафоткарда, ки пас аз марги ӯ ба дунё омадааст, инчунин яке аз падар ё модар, ҳамсар ё дигар аъзои оила, сарфи назар аз қобилияти меҳнатӣ, ки кор намекунад ва фарзандон, наберагон, бародарон ва хоҳарони шахси вафоткардаро, ки ба чордаҳсолагӣ нарасидаанд ё ҳарчанд ба синну соли зикршуда расида бошанд ҳам, тибқи хулосаи мақомоти тиббӣ вобаста ба саломатӣ муҳтоҷи нигоҳубини дигаронанд, нигоҳубин менамоянд, дохил мегарданд.

Ҳуқуқи ҷуброни зарарро инчунин шахсоне, ки таҳти таъминоти шахси воқеии вафоткарда буда, дар давоми панҷ соли баъди вафоти ӯ ғайриқобили меҳнат гардидаанд, доро мебошанд.

10. Дар моддаи 16 КМ муқаррарот оид ба товони зарари маънавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонда шуда бошад, суд метавонад шахси вайронкардаро ба товони зарар уҳдадор намояд.

Таҳти мафҳуми азоби ҷисмонӣ дарди ҷисмоние фаҳмида мешавад, ки бо расонидани маъюбӣ ё дигар зарар ба саломатӣ ё беморӣ, аз ҷумла бемории, ки дар натиҷаи азоби маънавӣ фаро расидааст, маҳдудияти имконияти ҳаракат дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ, эҳсосоти ногувор ё аломатҳои дардманд алоқаманд мебошад.

Зери мафҳуми азоби маънавӣ азоби мансуб ба изтироби руҳӣ (вайроншавии оромии рӯҳи)-и инсон (эҳсоси тарс, таҳқир, нотавонӣ, шарм, ноумедӣ, идроки нокомилии худ бо сабаби мавҷудияти маҳдудиятҳо, ки дар натиҷаи расонидани осеб ба вуҷуд омадааст, ғаму андӯҳ бинобар аз даст додани хешу ақрабо ва кор, имконнопазирии давом додани ҳаёти ҷамъиятии фаъолона, фош шудани сирри оилавӣ ё тиббӣ, паҳн кардани маълумоте, ки ба воқеият рост намеояд, шаъну эътибор ё обрӯи кориро паст мезанад, маҳдудияти муваққатӣ ё маҳрум шудан аз ягон ҳуқуқ ва дигар эҳсосоти манфӣ) ва ё бо табъиз асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Мавҷуд набудани беморӣ ё зарар ба саломатӣ, ки бо азоби ҷисмонӣ ё маънавии ҷабрдида дар алоқаи сабабию оқибатӣ қарор дорад, худ асоси рад кардани даъво дар бораи ҷуброни зарари маънавии дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ба вуҷуд омада шуда наметавонад.

Вазнинии азоби руҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдидаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф бо назардошти ҳолатҳои воқеии парванда, ки ба онҳо ҳама гуна ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хусусияти чунин ранҷу азоб таъсир мерасонанд, баҳо дода мешавад. Аз ҷумла, зимни муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ бояд моҳият ва аҳамияти ҳуқуқҳо ва неъматҳои ғайримолумулкии ҷабрдида, ки ба онҳо зарар расонида шудааст, хусусият ва дараҷаи халалдор шудани ин ҳуқуқҳо ва неъматҳо (шиддатнокӣ, андоза ва давомнокии таъсиррасонии номусоид), бо назардошти тарзҳои расонидани зарар (чунончи, расонидани зарар ба саломатӣ тавассути азобу уқубат, паст задани шаъну эътибори падар ё модар дар назди фарзандон) баҳо дода шаванд. Инчунин, оқибатҳои азоби руҳии ба ҷабрдида расонидашуда дар якҷоягӣ бо намуд ва дараҷаи осеб ба саломатӣ, давомнокии беморӣ, корношоямӣ, зарурати табобати ҷабрдида тариқи амбулаторӣ ё дар

шароити беморхона, тағйир ёфтани тарзи ҳаёти пештара ва ғайраҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Ҳангоми муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ бояд хусусиятҳои инфиродии шахс, аз қабили синну сол, вазъи саломатӣ, ихтисос ва ҷойи кори ҷабрдида ба назар гирифта шавад.

Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки агар ба ҷабрдидаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф дар натиҷаи амалҳои (беамалӣ) вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ (чунончи ҳаёт, саломатӣ, эътибори шахс, шаъну шараф, номи нек, эътибори корӣ, дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, сирри шахсӣ, оилавӣ ва ғайра) ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкӣ, инчунин вайрон кардани ҳуқуқҳои молу мулкӣ зарари маънавӣ, яъне азоби руҳӣ ва ё ҷисмонӣ расонида шуда бошад, зарари маънавӣ аз ҷониби давлат товон карда мешавад.

11. Ҳангоми расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида, дар ҳама ҳолат ӯ азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ мекашад, аз ин рӯ ҳолати расонидани осеб ба саломатӣ, аз ҷумла, дар сурати имконнопазир будани муайян намудани дараҷаи вазнинии он, асос барои қонеъ намудани даъво дар бораи товони зарари маънавӣ шуда метавонад. Барои қонеъ намудани даъво ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё маъмурӣ кашидани шахси гунаҳгор ҳатмӣ намебошад.

Дар натиҷаи шиканҷа ба шахс азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ расонида мешавад. Аз ин рӯ, муҳим аст шароити баррасии парванда тавре ташкил карда шавад, ки нисбат ба ҷабрдида муносибати эҳтиромона ва ғамхорона таъмин гардида, охирин такроран дучори ранҷу азоб нагардад.

Ҳангоми баррасии парванда оид ба ҷуброни зарари маънавии дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонидашуда вобаста ба вафоти ҷабрдида, мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва руҳии ба аъзои оилаи ӯ ва дигар шахсон расонидашуда бояд ба назар гирифта шавад, зеро ин ҳолатҳо барои муайян кардани андозаи ҷуброни зарар аҳамият доранд. Доираи шахсоне, ки ҳуқуқи пешниҳоди даъворо дар хусуси товони зарари маънавӣ доранд, дар моддаи 1214 КМ номбар шудааст.

12. Зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонида шудааст, сарфи назар аз гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми дуюми моддаи 1225 КМ товон карда мешавад.

Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун уҳдадории товони зарари маънавӣ ҳангоми мавҷуд будани робитаи сабабӣ байни амал (беамали)-и ғайриқонунии расонандаи зарар ва зарари маънавии ба ҷабрдида расонидашуда ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи талаботи моддаи 1226 КМ зарари маънавӣ дар шакли пулӣ товон карда мешавад.

Дар баробари ин, зараррасон ҳуқуқ дорад ихтиёран бо розигии ҷабрдида зарари маънавиро дар шакли пулӣ ва ё дар шакли дигар, масалан, дар намуди расонидани хизматрасонӣ аз ҷумла офиятбахшӣ, нигоҳубин, пешниҳоди воситаи нақлиёт ва ғайраҳо, ки барои товон намудани зарари маънавии расонидашуда нигаронида шудааст, товон намояд.

Ҳолати аз ҷониби ҷабрдидаи шиканҷа гирифтани товони зараре, ки зараррасон дар давраи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар шакли пулӣ ва ё дар шакли дигар ихтиёрона пешниҳод кардааст, имконияти пешниҳоди даъворо бо тартиби мурофиаи маданӣ истисно намекунад. Агар бо назардошти ҳолатҳои парванда ва муқаррароти моддаи 1226 КМ суд ба хулоса ояд, ки товони гирифтаи ҷабрдида дар ҳаҷми пурра ба азоби ҷисмонӣ ва руҳии ӯ мутаносиб намебошад, ҳуқуқ дорад ба фоидаи даъвогар товони зарари маънавии боқимондаро рӯёнад.

13. Барои муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ ба суд, судяҳо зарур аст амалҳои зиддиҳуқуқии зараррасонро дар таносуб бо дараҷаи вазнинии азоби ҷисмонӣ ва руҳии ҷабрдида, хусусиятҳои инфиродии шахсияти ӯ баҳо дода, ҳолатҳои воқеии парванда, инчунин мутаносиб будани андозаи товонро ба оқибатҳои вайрон кардани ҳуқуқҳо дар асоси принсипҳои оқилона ва одилона ба назар гиранд.

Маблағи товон бояд ба оқибати амали зиддиҳуқуқӣ мутаносиб буда, азоби руҳию ҷисмонии ҷабрдидаро товон намояд, ранҷу азобро бартараф намояд ё шиддати онро кам кунад ва такроран содир намудани чунин амалҳоро пешгирӣ намояд (талаботи одилона).

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки оқилона будани андозаи товони зарари маънавӣ бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои парванда, аз ҷумла дар таносуб бо сатҳи ҳаёти маъмул ва сатҳи умумии даромади аҳолӣ ҳал карда шавад.

Андозаи товони зарари маънавӣ ба андозаи зиён ва талаботи дигари молумулкии ҷуброншуда вобаста намебошад.

14. Даъвогар оид ба парванда дар бораи товони зарари маънавӣ уҳдадор аст ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиашро исбот намояд.

Дар баробари ин суд, судяҳоро зарур аст оид ба баҳсҳо дар хусуси товони зарари маънавӣ ҳолатҳои зеринро муқаррар намоянд:

- сабабҳои пайдоиши ҷароҳатҳои ҷисмонии ҷабрдидае, ки таҳти назорати мақомоти давлатӣ қарор дошт;

- ҷой доштани амал ё беамалии шахси мансабдор, ки боиси ба ҷабрдида расонидани азоби руҳӣ ва ё ҷисмонӣ гардидааст;

- кадом ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии ҷабрдидаи шиканҷа дар натиҷаи ин амал ё беамалиҳо халалдор шудаанд;

- азоби рӯҳӣ ё ҷисмонӣ ва оқибатҳои он барои ҷабрдида дар чӣ зоҳир мегардад, дараҷаи гуноҳи зараррасон (дар ҳолати муқаррар нагардидани шахси гунаҳгор, муайян намудани ин ҳолат зарурат надорад);

- андозаи товони зарари маънавӣ.

Инчунин, даъвогар уҳдадор аст расонидани зарарро дар ҳолатҳои муайян, дараҷаи азоби рӯҳӣ ва ё ҷисмоние, ки ба ӯ расонида шудааст, дар чӣ ифода ёфтани онҳо ва алоқаи сабабии байни расонидани зарар ва азоби рӯҳӣ ва ё ҷисмониро исбот намояд.

15. Ба инобат гирифта шавад, ки санади эътибори қонунӣ пайдокардаи суд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҳолати ҷой доштани шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, барои суди баррасикунандаи парвандаи маданӣ ҳатмӣ мебошад ва даъвогарро аз исботи ин ҳолат озод менамояд.

Дар ин маврид гунаҳгории ҷавобгар муҳокима нагардида, масъалаи андозаи зиёни моддӣ ва зарари маънавии расонидашуда муайян карда мешавад.

Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки ҳангоми муайян набудани шахсе, ки шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафро содир намудааст, маълумот оид ба ҷой доштани ин ҳолатҳо мумкин аст аз баёноти тарафҳо, нишондоди шоҳидон, далелҳои хаттӣ ва шайъӣ, сабтҳои овоз ва видео, хулосаи коршиносони судӣ ва дигар далелҳои бо роҳи қонунӣ ба даст омада муқаррар карда шавад.

16. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки мутобиқи моддаи 224 КМ нисбат ба талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримолумулкӣ, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, инчунин нисбат ба талабот дар бораи ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ расонда шудааст, мӯҳлати даъво татбиқ намегардад. Аммо талаботе, ки бо гузаштани се сол аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ба талаби ҷуброни зарар пешниҳод шудааст, барои давраи гузашта на бештар аз се соли пеш аз пешниҳоди даъво қонеъ карда мешавад.

17. Таваҷҷуҳи суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки прокурор дар мурофиа вобаста ба баррасии чунин парвандаҳо иштирок менамояд. Ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеа шуда наметавонад.

18. Ба судҳо зарур аст, ки агар ҳангоми баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ, ки бо ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф расонида шудааст, вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳамчунин риоя накардани муқаррароти қонун ошкор карда шаванд, нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти хусусӣ қабул намоянд.

19. Судҳо бояд мунтазам таҷрибаи баррасии парвандаҳои номбурдаро ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида дар амалияи судӣ чораҳо андешанд.

| | |
|---|---|
| Раиси Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мирзозода Р.П. |
| Котиби Пленум,<br>судяи Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Холиқмуродзода Д.А. |